Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 12 (4752) | ПАНҶШАНБЕ, 25 ЯНВАРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





# МАҶЛИСИ ВАСЕИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**24-уми январи соли 2024 дар бинои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар кори маҷлис роҳбарият ва аъзои Ҳукумати кишвар, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои сохтории он, роҳбарони мақомоти марказии давлатӣ, идораҳои назди Президент ва Ҳукумат, корхонаю муассисаҳои ҷумҳуриявӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ, бонкҳои давлатӣ ва саҳомӣ, рӯзномаю маҷаллаҳои расмӣ ва дигар шахсони масъул иштирок карданд.

Дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар соли 2023 муфассал баррасӣ гардида, вазифаҳои асосӣ барои соли 2024 муайян карда шуданд.

Дар маҷлиси васеи Ҳукумат нахуст ҳисоботи Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода оид ба натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар соли 2023 шунида шуд. Тавре таъкид гардид, соли 2023 барои мардуми Тоҷикистон, бо вуҷуди мушкилиҳои ҷаҳони имрӯза ва таъсири манфии онҳо ба иқтисодиёти кишвари мо, соли бобарор ба ҳисоб рафта, дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии мамлакат пешравиҳои назаррас ба амал омаданд.

Ба таъкиди Сарвазири мамлакат дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 130,8 млрд. сомонӣ баробар гардида, суръати афзоиши он 8,3 фоиз таъмин карда шуд.

Сатҳи таваррум 3,8 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2022-юм 0,4 банди фоизӣ кам мебошад.

Соли 2023 ба қисми даромади буҷети давлатӣ 43,2 млрд. сомонӣ маблағ ворид гардид, ки нисбат ба нақша 1,5 млрд. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соли ҳисоботӣ дар кишвар 729 корхонаи нави саноатӣ ба истифода дода шуда, рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ таъмин гардид. Таъкид гардид, ки бо мақсади таъмини рушди устувори соҳаи энергетика ва ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда соли 2023-юм 11 лоиҳаи сармоягузории давлатии соҳа ба маблағи 15,8 млрд. сомонӣ мавриди татбиқ қарор дода шуд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат дар соли ҳисоботӣ ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ дар мамлакат нисбат ба соли 2022-юм 461 млн. кВт. соат зиёд гардид.

Соли ҳисоботӣ ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ 63 млрд. сомониро ташкил дода, суръати рушди он нисбат ба соли 2022 ба 109 фоиз баробар гардид.

Бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ ва беҳсозии фазои сармоягузорӣ тайи солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати мамлакат бо роҳи пешниҳод намудани имтиёзҳои андозию гумрукӣ дар самти рушди истеҳсолоти дохилӣ як қатор тадбирҳо андешида шуданд.

Дар соли 2023 ба кишвар ба маблағи 29,3 млрд. сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид шудааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 4,4 фоиз зиёд мебошад.

Дар ин давра ҳаҷми умумии қарзҳои аз ҷониби низоми бонкии кишвар ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва аҳолӣ додашуда зиёд гардида, 19 млрд. сомониро ташкил дод.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ ба 19,9 млрд. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2022-юм 22,5 фоиз зиёд аст.

Татбиқи 17 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 13 млрд. сомонӣ дар соҳаи нақлиёт имкон дод, ки рушди соҳа таъмин гардад ва дар натиҷа соли сипаришуда тавассути ҳама гуна нақлиёт 121 млн. тонна бор ва 899,3 млн. нафар мусофир кашонида шуд, ки нисбат ба соли 2022 мутаносибан 16,6 ва 9,8 фоиз зиёд мебошад.

Соли 2023 ҳаҷми умумии гардиши савдо 56,1 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2022-юм 13,4 фоиз зиёд аст.

Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ дар ҳамаи соҳаҳои хизматрасонӣ соли 2023 ба 21,7 млрд. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2022-юм 14,1 фоиз зиёд мебошад.

Тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат имконият фароҳам оварданд, ки дар давраи ҳисоботӣ гардиши савдои хориҷӣ нисбат ба соли 2022-юм 13,9 фоиз афзоиш ёбад.

Сарвазири мамлакат изҳор дошт, ки дар давраи ҳисоботӣ шумораи муассисаҳои томактабӣ дар ҷумҳурӣ ба 717 расида, дар муқоиса ба соли 2022-юм 10 муассиса зиёд мебошад. Вобаста ба фарогирии бештари кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 2 ҳазору 111 маркази инкишофи кӯдак бо фарогирии қариб 69 ҳазор кӯдак таъсис дода шудааст.

Дар соли таҳсили 2023-2024 дар кишвар 3 ҳазору 991 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолият доранд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли таҳсили қаблӣ 24 муассиса зиёд мебошад.

Бо мақсади рушди соҳаи тандурустӣ ва сари вақт бартараф намудани мушкилоти мавҷуда соли 2023 аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои рушди соҳа 3,3 млрд. сомонӣ равона карда шуд, ки нисбат ба соли 2022-юм 26,9 фоиз зиёд мебошад.

Дар сиёсати давлату Ҳукумати Тоҷикистон танзими муносибатҳои меҳнатӣ, рушди бозори меҳнат ва бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ мавқеи асосӣ дошта, дар соли ҳисоботӣ дар мамлакат аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 230 ҳазор ҷойи кории нав таъсис дода шуд.

Дар маҷлиси Ҳукумати мамлакат ҳисоботи вазири молия Файзиддин Қаҳҳорзода, раиси Кумитаи андоз Нусратулло Давлатзода, сардори Хадамоти гумрук Хуршед Каримзода ва директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа Дилмурод Давлатзода шунида шуд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар натиҷаи рушди иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, беҳтар намудани маъмурикунонии андозу хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, гузарондани корҳои фаҳмондадиҳӣ доир ба муқаррароти қонунгузории андоз, вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути воситаҳои электронии пардохту густариши раванди рақамикунонӣ ва дигар тадбирҳои андешидашуда дар соли 2023 аз ҳисоби андозҳо ва пардохтҳои дохилӣ ба буҷети давлатӣ 26,8 млрд. сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 1 млрд. 720,8 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Иҷрои нақшаи андозҳо ва пардохтҳо дар кишвар, аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба андозаи 104,8 фоиз, вилояти Хатлон - 105,1, вилояти Суғд - 104,5, шаҳри Душанбе - 104,8 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 100,9 фоиз таъмин карда шуд.

Доир ба натиҷаҳои фаъолияти мақомоти гумруку андоз, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа баъди шунидани ҳисоботи роҳбарияти онҳо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иҷрои нақшаи пардохтҳои гумрукӣ, бартарафсозии қарзҳои андоз, пардохти нафақа ва суғуртаи иҷтимоӣ ва ба шакли электронӣ гузарондани тамоми муносибатҳои молиявӣ дар ин соҳаҳо дастуру супоришҳои қатъӣ доданд.

(Давомаш дар саҳ. 3)

Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

# ТАСДИҚИ СОЗИШНОМАЕ, КИ БАРОИ НБО «РОҒУН» 100 МИЛЛИОН ДОЛЛАР САРМОЯ МЕОРАД

**Бисту чоруми январи соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**



**РАИС - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 60 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Ҷамшед Шарифзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа ҳафт масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулаҳмадзода З. А.»**

**2. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин баровардани Гулаҳмадзода З. А.»**

**3. Дар хусуси Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи НБО «Роғун» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди саудии рушд**

**4. Дар хусуси Созишномаи истирдод байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар**

**5. Дар хусуси Созишнома дар бораи бозпас додани маҳкумшудагон барои адои минбаъдаи ҷазо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар**

**6. Дар хусуси Созишнома дар бораи ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар**

**7. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ».**

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулаҳмадзода З. А.» шурӯъ менамоем. Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулаҳмадзода З. А.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатӣ «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин баровардани Гулаҳмадзода З. А.» мебошад. Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин баровардани Гулаҳмадзода З. А.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи НБО «Роғун» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди саудии рушд» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Амонулло Хайрулло дода мешавад. Марҳамат.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# ҲИФЗИ ОБОДИИ ВАТАН ВА ТАЪМИНИ ЗИНДАГИИ ШОИСТА - ҲАДАФИ НИҲОИИ ҲУКУМАТ

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар дар соли 2023 ва вазифаҳо барои соли 2024**

**шаҳри Душанбе, 24 январи соли 2024**

**Муҳтарам аъзои Ҳукумат!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар Паёми навбатии Президенти мамлакат нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, инчунин, дастоварду пешравиҳои дар ҳафт соли охир ноилшудаи кишвар, бахусус дар соли 2023, баён гардида, самтҳои асосии пешрафти минбаъдаи давлат ва ҷомеа муайян карда шуданд, ки барои соли 2024 ва солҳои минбаъда вазифаҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд. Бинобар ин, Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки тамоми саъю кӯшиши худро барои иҷрои дастуру супоришҳои дар Паёми Роҳбари давлат додашуда равона созанд.

Ҳукумати мамлакат, ҳамчунин, вазифадор аст, ки якҷо бо вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тибқи супоришҳои қаблӣ тавассути татбиқи самараноки барномаю нақшаҳои қабулгардида суръати рушди иқтисоди кишварро дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин намояд.

Зарур аст, ки дар соли ҷорӣ ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, ташаккули «иқтисоди сабз», истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда ва ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

Таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти иқтидори содиротии мамлакат, суръат бахшидани раванди рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин дар ин самт ба шумор мераванд.

Илова бар ин, Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки корро дар самти боз ҳам такмил додани низоми идоракунии давлатӣ, ихтисори воҳидҳои сохтории зиёдатӣ ва бартараф намудани такроршавии вазифаҳо, пурра ба таври электронӣ ва фосилавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои давлатӣ ба ҷомеа ва соҳибкорон пурзӯр намояд. Дар ин раванд, ба истифодаи механизмҳои арзёбӣ кардани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд диққати ҷиддӣ дода шавад.

Бо мақсади тақвият бахшидан ба ташкили «ҳукумати электронӣ» ва пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ зарур аст, ки то охири соли 2024 ҷиҳати омода намудани заминаи моддию техникӣ, кадрӣ ва тавассути ташаккули низоми ягонаи ҳамгироӣ пурра амалӣ намудани табодули маълумот тамоми чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

Тамоми вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро вазифадор менамоям, ки дар муҳлатҳои муқарраршуда гузариши пурра ба иқтисоди рақамиро дар ҳамаи соҳаҳо таъмин намоянд. Назорати иҷрои супориши мазкур ба зиммаи муовини якуми Сарвазир Ҳоким Холиқзода вогузор карда мешавад.

Соли 2023 ҷиҳати иҷрои нақшаи чорабиниҳои зиддибуҳронии Ҳукумат ва татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ 11 миллиард сомонӣ маблағҳои грантӣ ва қарзҳои имтиёзноки шарикони рушд ҷалб карда шуданд. Бо вуҷуди ин, вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Бонки миллӣ ва дигар вазорату идораҳо ҷиҳати зиёд кардани ҷалби маблағҳои грантӣ ва қарзҳои имтиёзнок барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориҳои давлатӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

Ҳарчанд дар соли 2023 фаровонии бозори истеъмолӣ ва муътадилии нархҳо таъмин гардид, вале бо дарназардошти тамоюлҳои манфии иқтисоди ҷаҳон ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим ҳифзи амнияти озуқаворӣ минбаъд низ ҳамчун вазифаи басо муҳим боқӣ мемонад.

Дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, камборишу хушк омадани тирамоҳу зимистони имсола моро водор месозад, ки истифодаи самараноки тамоми имконияту воситаҳоро таъмин намоем. Яъне, имсол бо истифода аз тамоми имконияту воситаҳо гузаронидани кишти такрории пайваста ва гирифтани 3-4 ҳосил бояд таъмин карда шавад.

Бо мақсади амалисозии фаъолияти босуботи иқтисоди миллӣ, таъмин намудани бозори истеъмолӣ ва коҳиш додани вобастагии бозори дохилӣ аз молу маҳсулоти воридотӣ вазоратҳои кишоварзӣ, саноат ва технологияҳои нав, энергетика ва захираҳои об, Бонки миллӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд мунтазам чораҷӯйӣ намоянд. Сохтору мақомоти зикршуда вазифадоранд, ки ҷиҳати афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатию кишоварзӣ ва истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда тадбирҳои иловагии пешгирикунанда андешида, муътадилии нархҳоро дар соли ҷорӣ таъмин намоянд.

Соли 2023, бо вуҷуди дар сатҳи 103,5 фоиз иҷро шудани нақшаи даромади буҷети давлатӣ, сифатнокии он аз ҳисоби иҷро нашудани нақшаи андоз аз захираҳои табиӣ дар ҳаҷми 217 миллион сомонӣ таъмин нагардид, ки андешидани тадбирҳои иловагиро талаб менамояд.

Ҳамзамон бо ин, аз ҳисоби иҷро нашудани нақшаи ҷамъоварии андозҳо аз ҷониби андозсупорандагони азим ба буҷети давлат 170 миллион сомонӣ ворид нашудааст. Дар ин давра аз ҷамъиятҳои саҳомии «Ширкати Алюминийи Тоҷик» 17,4 миллион сомонӣ, «Тоҷиктелеком» 12,7 миллион сомонӣ, «Талко Голд» 18,4 миллион сомонӣ, Неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-1» 5,5 миллион сомонӣ, ширкатҳои мобилӣ 192 миллион сомонӣ ва дигар корхонаҳо воридоти андозҳо таъмин нашудааст.

Инчунин, дар баъзе шаҳру ноҳияҳои кишвар иҷро нагардидани нақшаи ҷамъоварии андозу пардохтҳо ташвишовар мебошад. Нақшаи ҷамъоварии андозу пардохтҳо дар шаҳри Роғун 20,2 фоиз ва ноҳияи Дарвоз 8,4 фоиз таъмин нагардид, ки аз ин ҳисоб ба буҷет 38,4 миллион сомонӣ ворид нашуд.

Дар баробари ин, дар 12 шаҳру ноҳияи вилояти Суғд, 9 шаҳру ноҳияи вилояти Хатлон, аксари шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иҷрои намудҳои алоҳидаи андоз таъмин нагардидааст, ки аз ин ҳисоб беш аз 200 миллион сомонӣ ба буҷети давлат ворид нашудааст.

Бо вуҷуди супоришҳои такрорӣ доир ба кам намудани бақияпулиҳои андоз ҳаҷми он ба ҳолати аввали соли 2024-ум ба 806 миллион сомонӣ расида, нисбат ба соли гузашта 77,5 миллион сомонӣ ё 10,6 фоиз зиёд гардидааст.

Ҳаҷми бақияпулиҳои андоз дар вилояти Хатлон 166 миллион сомонӣ, вилояти Суғд 59 миллион, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 1,5 миллион, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 105 миллион, шаҳри Душанбе 40 миллион ва Раёсати андози андозсупорандагони калон 433 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Дар робита ба ин, ба Вазорати молия супориш дода мешавад, ки:

- якҷо бо Кумитаи андоз, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва корхонаҳо иҷрои сифатнок ва пурраи қисми даромади буҷетро дар соли 2024 таъмин намояд;
- дар ҳамкорӣ бо Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади дарёфти манбаъҳои нави даромад ба буҷет, инчунин, кам кардани бақияпулиҳои андоз ва пешгирӣ намудани пайдоиши бақияпулиҳои нав тадбирҳои муассир андешад;
- барои таъмини саривақтии уҳдадориҳои иҷтимоии давлат, махсусан, дар самти пардохти пурраи музди меҳнати кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, нафақа, ҷубронпулӣ ва кумакпулиҳо, беҳтар гардонидани хизматрасониҳои тиббӣ чораҳои зарурӣ андешида, нақшаи маблағгузории соҳаҳои иҷтимоию иқтисодиро таъмин намояд;
- дар асоси талаботи «Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030» барномаи миёнамуҳлатро барои солҳои 2024 - 2026 таҳия ва ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Вазорати молия, ҳамчунин, вазифадор карда мешавад, ки бо мақсади татбиқи пурраи Фармони Президенти мамлакат доир ба пардохти ғайринақдии хизматрасониҳои давлатӣ дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо ва корхонаю муассисаҳои давлатӣ, ки хизматрасониҳои муздноки давлатиро анҷом медиҳанд, низоми баҳисобгирии дохилии воридоти маблағҳо (низоми биллингӣ)-ро татбиқ карда, ҳамгироии онро бо низомҳои зарурии пардохт, инчунин, такмили пурраи инфрасохтори дохилиро таъмин намояд.

Ҳамзамон бо ин, Вазорати молия якҷо бо вазорату идораҳои дигар ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати амалӣ намудани Фармони Президенти мамлакат доир ба баланд бардоштани маош ва нафақаю стипендияҳо дар соли 2024 чораҳои саривақтӣ андешад.

Соли 2023 аз ҷониби вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои буҷетӣ ва дигар ташкилотҳо дар самти хароҷоти мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ба як қатор камбудиҳо роҳ дода шудааст.

(Давомаш дар саҳ. 2)

# ҲИФЗИ ОБОДИИ ВАТАН ВА ТАЪМИНИ ЗИНДАГИИ ШОИСТА – ҲАДАФИ НИҲОИИ ҲУКУМАТ

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар дар соли 2023 ва вазифаҳо барои соли 2024

шаҳри Душанбе, 24 январи соли 2024

**(Идома аз саҳ. 1)**

Тибқи санҷишҳои Палатаи ҳисоб ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия доир ба истифодаи маблағҳои буҷети давлатӣ дар соли 2023 зарари молиявӣ дар ҳаҷми 672 миллион сомонӣ ошкор гардидааст, ки хеле ташвишовар мебошад.

Аз ҳаҷми умумии зарари молиявии ошкоргардида 660 миллион сомонӣ, аз ҷумла ба буҷет 504 миллион сомонӣ барқарор карда шудааст. Илова бар ин, аз ҷониби мақомоти прокуратура дар соли сипаригардида зарари молиявӣ дар ҳаҷми зиёда аз 461 миллион сомонӣ муайян ва ба буҷети давлат барқарор гардидааст.

Ба вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ супориш дода мешавад, ки камбудиҳои дар ин самт ҷойдоштаро ҳар чӣ зудтар бартараф карда, истифодаи самараноки маблағҳои буҷетиро таъмин намоянд.

**Муҳтарам аъзои Ҳукумат!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Гарчанде дар соли 2023 қарзҳои аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва аҳолӣ пешниҳодшуда 19 миллиард сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2022-юм 32 фоиз зиёд шудааст, вале ҳаҷми онҳо нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 15 фоизро ташкил медиҳад, ки ҳоло ҳам кам мебошад.

Дар баробари ин, аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 38 фоиз ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд, ки қонеъкунанда нест.

Ба ҳолати охири соли 2023 қарзҳои ғайрифаъол дар низоми бонкии кишвар 2,2 миллиард сомонӣ ё 12,5 фоизи сандуқи қарзиро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 608 миллион сомонӣ зиёд шудааст. Аз ин лиҳоз, Бонки миллӣ, бонкҳои давлатии «Амонатбонк» ва «Саноатсодиротбонк», бонкҳои тиҷоратию саҳомӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии молиявиро зарур аст, ки тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Беҳтар намудани раванди қарздиҳӣ, дарёфти манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ ва дар ин замина зиёд кардани пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат бо фоизи нисбатан паст, дастгирии соҳибкории хурду миёна, бахусус соҳибкории истеҳсолӣ ва кам кардани ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол, дар сандуқи қарзӣ аз ҷумлаи ҳамин тадбирҳо мебошанд.

Дар баробари ин, якҷо бо Вазорати молия ва дигар вазорату идораҳо дар самти тавсеаи фарогирии молиявӣ дар кишвар, аз ҷумла рушди хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, ҳимояи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявии онҳо, чораҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд.

Тибқи Фармони Президенти мамлакат оид ба вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ аз 1-уми августи соли 2023 пардохти ҳама намуди андозу пардохтҳо ва хизматрасониҳои давлатӣ бояд ба тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда шавад. Вале санҷишу таҳлилҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки дар ҷараёни татбиқи фармони мазкур аз ҷониби вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ то ҳанӯз камбудиҳои зиёде ҷой доранд.

Инчунин, ҳамгироии мубодилаи маълумот оид ба хизматрасониҳои давлатӣ дар байни сохтору мақомот мукаммал ба роҳ монда нашуда, дар низоми бонкӣ дар самти пардохтҳои ғайринақдӣ то ба ҳол ғайр аз «корти миллӣ» истифодаи дигар намуди кортҳо маҳдуд мебошад. Умуман, соли 2023 ҳаҷми амалиётҳои ғайринақдӣ дар пардохти молу хизматрасониҳо дар кишвар ҳамагӣ 20 фоизро ташкил додааст, ки қонеъкунанда нест.

Тавре дар Паёми Президенти мамлакат таъкид гардид, вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллӣ ва дигар вазорату идораҳо, инчунин, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ дар давоми ду сол низоми пардохтҳои ғайринақдиро дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла дар нуқтаҳои савдову хизматрасонӣ пурра ҷорӣ карда, ҳамгироии фаъолиятро дар ин самт таъмин намоянд.

Бонки миллӣ якҷо бо вазоратҳои адлия, молия, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ ва Хадамоти алоқа ҷиҳати фаъол намудани портали ягонаи пардохти хизматрасониҳои давлатӣ доир ба фароҳамсозии инфрасохтори мукаммали хизматрасониҳои бонкӣ тадбирҳои таъхирнопазир андешад.

Хадамоти алоқа барои муҳайё намудани интернети баландсуръат ва таъмин кардани талаботи соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии мамлакат дар самти рушди иқтисоди рақамӣ чораҳои муассирро амалӣ намояд.

Назорати иҷрои супоришу вазифаҳои зикршуда ба зиммаи муовини якуми Сарвазир Ҳоким Холиқзода вогузор карда мешавад.

Хотиррасон месозам, ки дар маҷлиси ҷамъбастии соли 2022 доир ба ислоҳи камбудиҳо дар самти амалисозии лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ супоришҳои мушаххас дода шуда буданд, аммо дар қисме аз онҳо иҷрои саривақтии нақшаи азхудкунии маблағҳо ҳанӯз таъмин нагардидааст.

Соли 2023 дар самти истифодаи мақсадноки маблағи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ низ як қатор камбудиҳо ба назар расиданд. Дар рафти санҷишҳои аз ҷониби Палатаи ҳисоб ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ гузаронидашуда зарари молиявӣ дар ҳаҷми 36 миллион сомонӣ ошкор карда шудааст.

Бинобар ин, ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва марказҳои татбиқи лоиҳаҳо супориш дода мешавад, ки амалисозии саривақтии лоиҳаҳоро таъмин намуда, ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта тадбирҳои фаврӣ андешанд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ дар соли 2023 ба кишвар ба маблағи 29,3 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид шудааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 4,4 фоиз зиёд мебошад. Аз ҳаҷми умумии сармояи хориҷӣ 8,2 фоиз ё 2,4 миллиард сомонии онро сармояи мустақим ташкил дода, нисбат ба соли 2022-юм 64,2 фоиз коҳиш ёфтааст.

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки корҳоро дар ин самт тақвият бахшида, ҷиҳати ҷалби ҳар чӣ бештари сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар тадбирҳои судмандро амалӣ намоянд. Ҳамчунин, зарур аст, ки гуногунсамтии ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ аз кишварҳои ҷаҳон ва ширкатҳои бонуфузи минтақавию байналмилалӣ таъмин карда шавад.

Ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ супориш дода мешавад, ки ҷиҳати такмили методологияи омор ва низоми қабули сармояи мустақими хориҷӣ, бартараф намудани монеаҳои сунъӣ, ташаккули низоми таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва рақамикунонии он чораҳои таъхирнопазир андешад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бо мақсади таъмин намудани рушди соҳаи саноат ва ноил гардидан ба ҳадафи чоруми стратегии миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар дар соли 2023 дар қаламрави мамлакат 729 корхонаи нави саноатӣ ба истифода дода шудааст.

Бо вуҷуди ин, суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2023-юм 12 фоиз таъмин гардидааст, ки аз нишондиҳандаи мақсаднок 8 банди фоизӣ (20 фоиз) кам аст.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои Дарвоз 43 фоиз, Панҷ - 25, Бохтар - 12, Гулистон - 7,4, Сангвор - 5,9 ва Роғун 4,5 фоиз коҳиш ёфтааст.

Инчунин, дар як қатор шаҳру ноҳияҳо иҷрои супоришҳои додашуда оид ба ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ таъмин нагардидааст. Соли 2023 дар шаҳру ноҳияҳои Истиқлол, Кӯҳистони Мастчоҳ, Темурмалик, Ҷалолиддини Балхӣ, Тоҷикобод, Нуробод ва Сангвор ягон корхонаи саноатӣ таъсис дода нашудааст.

Соли гузашта дар кишвар ҳаҷми истеҳсоли баъзе молҳои саноатӣ коҳиш ёфтааст, ки ташвишовар мебошад. Аз ҷумла, истеҳсоли ангишт 13 фоиз, ҷӯроб - 32, газвор - 4, қолин - 10,3, пӯсти коркардшуда - 33,5, пойафзол - 8,7 ва либоси мактабӣ 5,4 фоиз кам гардидааст.

Соли 2023 ҳаҷми истеҳсоли либоси мактабӣ нисбат ба соли қаблӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 26 фоиз, вилояти Хатлон - 11,6 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 11,7 фоиз коҳиш ёфтааст.

Таъминнокии он аз ҳисоби истеҳсоли худӣ дар кишвар ҳамагӣ 32 фоиз, аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 12, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон - 15, вилояти Суғд - 39 ва вилояти Хатлон 43 фоиз амалӣ гардидааст.

Ҳамчунин, қисми зиёди маҳсулоти саноатие, ки имконияти истеҳсоли пурраи онҳо дар кишвар вуҷуд дорад, то ҳол аз хориҷи кишвар дар ҳаҷми калон ворид карда мешавад, ки аз ҷониби масъулин иҷро нашудани супоришҳои қаблан дар ин самт додашударо нишон медиҳад.

Дар соли 2023 ба кишвар равған 106 ҳазор тонна (ба маблағи 980 миллион сомонӣ), нуриҳои минералӣ 176 ҳазор тонна (ба маблағи 650 миллион), маводи шустушӯӣ 38 ҳазор тонна (ба маблағи 550 миллион), уребча (подгузник) 12 ҳазор тонна (ба маблағи 352 миллион), пойафзол 6 ҳазор тонна (ба маблағи 170 миллион) ва нӯшокиҳои ғайриспиртӣ 29 ҳазор тонна (ба маблағи 550 миллион сомонӣ) ворид карда шудааст.

Ҳамчунин, шоколад 11,8 ҳазор тонна (ба маблағи 460 миллион сомонӣ), маҳсулоти қаннодӣ 21,2 ҳазор тонна (ба маблағи 400 миллион, истеҳсоли худӣ 27,6 ҳазор тонна), макарон 11,3 ҳазор тонна (ба маблағи 250 миллион), консерваи меваю сабзавот 10,5 ҳазор тонна (ба маблағи 170 миллион), консерваи гӯштӣ 4 ҳазор тонна (ба маблағи 130 миллион), моҳӣ 7,2 ҳазор тонна (ба маблағи 160 миллион), маҳсулоти ҳасибӣ 3,3 ҳазор тонна (ба маблағи 110 миллион) ва гӯшти мурғ 2,8 ҳазор тонна (ба маблағи 90 миллион сомонӣ) воридот шудааст.

Махсус таъкид менамоям, ки соли гузашта дар кишвар 550 корхонаи саноатӣ умуман фаъолият накардааст. Аз ҷумла, дар вилояти Хатлон - 151, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 132, шаҳри Душанбе - 126, вилояти Суғд - 123 ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 18 корхонаи саноатӣ аз фаъолият бозмондааст.

Таъкид менамоям, ки агар барои ислоҳи чунин вазъият чораҳои фаврӣ андешида нашаванд, барои расидан ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар монеаи ҷиддӣ пеш меояд. Вобаста ба ин, муовини Сарвазир Усмоналӣ Усмонзода, вазири саноат ва технологияҳои нав Шералӣ Кабир ва роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки:

- ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар тавассути ба истифода додани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои бозистода ва пешгирӣ кардани раванди аз фаъолият бозмондани корхонаҳои саноатӣ, афзоиш додани истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатноки ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда чораҳои муассир андешанд;

- дар ҳамкорӣ бо соҳибкорон ҷиҳати зиёд намудани шумораи корхонаю коргоҳҳои хурди истеҳсолӣ дар шаҳру ноҳияҳо, бахусус дар самти коркарди меваю сабзавот, тадбирҳои судмандро роҳандозӣ намоянд;

- фаъолияти муназзами корхонаҳои саноатӣ ва бо дарназардошти талаботи бозори дохилӣ ба роҳ мондани истеҳсоли либоси мактабиро таъмин созанд;

- якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва корхонаҳои соҳа барои пурра ба роҳ мондани коркарди пилла ва истеҳсоли матоъҳои шоҳӣ, атласу адрас ва дигар маҳсулоти бофандагӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд;

- дар ҳамкорӣ бо корхонаҳои соҳа ҷиҳати зиёд намудани иқтидори истеҳсолии соҳаи мебелсозӣ бо ворид намудани технологияҳои муосир ва таъсиси корхонаҳои нав чораҷӯӣ намоянд;

- якҷо бо корхонаҳои соҳа коркарди пӯст, истеҳсоли пойафзол ва дигар намудҳои маҳсулоти чармиро тақвият диҳанд;

- бо мақсади ба роҳ мондани коркарди пурраи маъдан дар дохили кишвар ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди иловашуда ҳамкориро бо сармоягузорон дар самти роҳандозии иқтидорҳои нави коркарди маъдан тақвият дода, ҷиҳати таъмин намудани уҳдадориҳои вогузоршуда оид ба коркарди пурраи маъдани истихроҷшаванда дар дохили мамлакат чораҷӯӣ намоянд;

- бо дарназардошти ба тартиб даровардани усулҳои идоракунӣ ва васеъ намудани таҷрибаи пайванди истеҳсолот бо илм дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор стандарти таъминоти кадриро ҷиҳати рушди саноат таҳия ва пешниҳод намоянд;

- бо дарназардошти зарурати навсозии технологияҳо ва таҷҳизоти истеҳсолӣ ҷиҳати таҳия ва пешниҳоди механизми баланд бардоштани сатҳи маҳсулнокии корхонаҳои саноатӣ тадбирҳои амалӣ андешанд.

Таъкид менамоям, ки бо вуҷуди пешравиҳои назаррас дар соҳаи энергетика як қатор камбудиҳо низ ҷой доранд, ки андешидани тадбирҳои таъхирнопазирро тақозо менамоянд. Соли 2023 талафоти неруи барқ ба 21,2 фоиз расида, ҷамъоварии маблағи истифодаи он 95,7 фоиз, аз ҷумла аз аҳолӣ 93,3 фоизро ташкил додааст.

Дар робита ба ин, ба Вазорати энергетика ва захираҳои об, ҷамъиятҳои саҳомии «Барқи Тоҷик» ва «Шабакаҳои тақсимоти барқ» супориш дода мешавад, ки барои татбиқи саривақтию босифати лоиҳаҳои кам кардани талафоти неруи барқ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Ҳамчунин, якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷорӣ намудани низоми биллингӣ ва баҳисобгирии пурраи истифодабарандагони неруи барқ ва ҷамъоварии саривақтии маблағи неруи барқро аз аҳолӣ ва ташкилоту корхонаҳо таъмин намоянд.

Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода, муовини Сарвазир Усмоналӣ Усмонзода, вазири энергетика ва захираҳои об Далер Ҷумъа бо мақсади ноил шудан ба ҳадафи стратегии расидан ба истиқлолияти энергетикии кишвар ва пурра бо барқ таъмин кардани мардуми Тоҷикистон дар муҳлатҳои наздиктарин ва бо ҷалби сармояи хориҷӣ ҷиҳати бунёди иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли неруи барқ тадбирҳои амалӣ андешанд.

Ҳамзамон бо ин, Вазорати энергетика ва захираҳои об бояд:

- ҷиҳати ҷалби маблағҳо барои таҳияи асосноккунии техникию иқтисодии бунёди хати интиқоли барқи баландшиддати 500-киловолтаи «Роғун – Сайхун» ва сохтмони зеристгоҳи барқии 500-киловолтаи «Сайхун» дар вилояти Суғд чораҳои зарурӣ андешад;

– лоиҳаи стратегияи миллии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040-ро таҳия намуда, ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд;

– лоиҳаи барномаи давлатӣ оид ба таъминоти оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов барои давраи то соли 2030-ро таҳия карда, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод созад;

– якҷо бо Вазорати корҳои хориҷӣ корҳоро ҷиҳати соли ҷорӣ дар сатҳи баланд баргузор намудани Конфронси сеюми Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018 - 2028» дар шаҳри Душанбе тақвият бахшад.

Ҳукумати мамлакат вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати дар соли 2032 ноил гардидан ба ҳадафи пурра аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия истеҳсол намудани неруи барқ ва дар соли 2037 ба «кишвари сабз» табдил додани Тоҷикистон тадбирҳои мушаххас андешида, корҳоро дар самти татбиқи саривақтию сифатноки ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии соҳа ҷоннок намояд.

Тавре дар Паёми Роҳбари давлат таъкид гардид, соли 2025 бояд агрегати сеюми Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» ба истифода дода шавад. Вобаста ба ин, ба Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода, Шурои нозирони Ҷамъияти саҳомии «Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун», роҳбарону муҳандисони ширкатҳои фармоишгару пудратчӣ ва ҳамаи бунёдкорони Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» зарур аст, ки корҳои сохтмонро суръат бахшанд.

Тибқи нақшаи тасдиқгардида баланд бардоштани сатҳи сарбанд дар муҳлатҳои муқарраргардида ва бо риояи стандартҳои байналмилалӣ ба истифода додани агрегати навбатӣ вазифаи муҳимтарин дар ин марҳалаи сохтмон мебошад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бо вуҷуди он ки соли 2023 соҳаи кишоварзӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардид, вале имкониятҳои мавҷуда ҳоло ҳам ба таври зарурӣ истифода нашудаанд. Аз ҷумла, дар соли 2023 истеҳсоли пахта нисбат ба соли 2022-юм 15 фоиз, гандум - 8, ангур - 39 ва пилла 43 фоиз кам гардидааст.

Соли сипаришуда дурнамои кишти пахта 12 фоиз ва картошка 23 фоиз таъмин нагардидааст. Вобаста ба ин, ба Вазорати кишоварзӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ва омодагии ҳамаҷониба ба мавсими кишти баҳорӣ, хусусан дар самти истифодаи самараноки ҳар як ваҷаб замин, чораҳои саривақтӣ андешанд.

Бо дарназардошти вазъи камборишию хушкии имсола яхобмонии саривақтӣ, ниҳолшинонӣ ва иҷрои дигар корҳои мавсимиро таъмин намоянд.

Вазорати кишоварзӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор карда мешаванд, ки бо дарназардошти боду ҳавои номусоиди тирамоҳу зимистони соли ҷорӣ ҷиҳати омода намудани пойгоҳҳои обкашӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Ҳамчунин, ба масъалаҳои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, риояи қоидаҳои агротехникӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва гирифтани 3-4 ҳосил аз заминҳои корами обӣ эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Вазорати кишоварзӣ ва Академияи илмҳои кишоварзӣ, ҳамчунин, доир ба таъмини хоҷагиҳои кишоварзӣ бо тухмии баландсифати зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла тухмии зироатҳои ғалладонагии репродуксияи баланд, инчунин, тухмиҳои ба иқлим мутобиқшуда ва парвариши навъҳои минтақабобгардидаи зироатҳои кишоварзӣ тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намоянд.

Вазорати кишоварзӣ якҷо бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва Хадамоти зиддиинҳисорӣ ҷиҳати роҳандозии методологияи муосири ҳисоби арзиши аслии истеҳсоли пахта ва бо дарназардошти вазъи воқеии кишвар муайян кардани нархи фурӯши он чораҷӯйӣ намояд.

Соли 2023 коҳишёбии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар гармхонаҳо низ мушоҳида гардид. Истеҳсоли сабзавот дар гармхонаҳо 2218 тоннаро ташкил дода, нисбат ба соли 2022-юм 23,6 фоиз, аз ҷумла помидор - 14 ва бодиринг 36 фоиз коҳиш ёфт. Аз ин лиҳоз, ба Вазорати кишоварзӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки ҳамкориро бо соҳибкорону сармоягузорон ҷиҳати бунёди гармхонаҳои муҷаҳҳаз бо технологияҳои каммасраф ва агротехникаи муосири парвариши зироатҳо густариш бахшанд.

Илова бар ин, бо мақсади афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва Вазорати кишоварзӣ дар баробари истеҳсоли карбамид ва суперфосфат ҷиҳати ба роҳ мондани истеҳсоли дигар намудҳои нурии минералӣ, аз ҷумла нуриҳои калийдор ва фосфорӣ, чораҳои зарурӣ андешанд.

Назорати иҷрои супоришу вазифаҳои зикршуда доир ба таъмин намудани фаъолияти устувори соҳаи кишоварзӣ ба зиммаи муовини Сарвазир Зиёзода Сулаймон вогузор карда мешавад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Соли 2023 ҳаҷми гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон ба зиёда аз 90 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки нишондиҳандаи баландтарин дар даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад. Ҳаҷми содироти молу маҳсулот 25 миллиард сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2022-юм 14,3 фоиз зиёд мебошад.

Соли 2023 истеҳсол ва содироти маҳсулоти нимтайёр афзоиш ёфтааст, вале ин барои расидан ба ҳадафу афзалиятҳои муайяннамудаи Ҳукумати мамлакат кофӣ нест. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 47 фоизи нишондиҳандаи содирот молҳо аз ҳисоби металлҳои қиматбаҳо ва 15,5 фоиз аз ҳисоби маъдану консентратҳо ташаккул ёфтааст. Ҳанӯз ҳам қисми зиёди нахи пахта ва маъдану консентратҳо бе коркарди ниҳоӣ содирот шуда истодааст.

Содироти маҳсулоти кишоварзӣ 286 ҳазор тоннаро ташкил кардааст, аммо бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда ҳоло ҳам нокифоя мебошад.

Дар баробари ин, соли 2023 содироти сабзавот ва полезиҳо нисбат ба соли пешин 15,5 ҳазор тонна, аз ҷумла пиёз - 7 ҳазор, сабзӣ - 5,6 ҳазор ва карам 2,6 ҳазор тонна кам гардидааст.

Содироти ин намуди маҳсулот аз вилояти Суғд 9,2 ҳазор тонна, вилояти Хатлон - 3,6 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 2,7 ҳазор тонна кам шудааст. Ҳол он ки иқтидори кишвар барои содироти меваю сабзавот, бахусус пиёзи барвақтӣ, ниҳоят зиёд аст.

Бинобар ин, вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо, молия, Агентии содирот ва вазорату идораҳои дигар, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои таъмин намудани рақобатнокии маҳсулоти асосии содиротӣ дар бозори ҷаҳонӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Ҳамчунин, дар доираи «Барномаи давлатии рушди содирот барои солҳои 2021-2025» ҷараёни корҳоро ҷиҳати дарёфти бозорҳои нави фурӯш, ташкили истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди иловашуда, тақвияти иқтидорҳои содиротӣ, муаррифии молу маҳсулоти ватанӣ дар хориҷи кишвар ва фароҳам овардани шароити мусоид барои содироткунандагон вусъат бахшанд.

Вазорати рушди иқтисод ва савдо дар ҳамкорӣ бо дигар сохтору мақомот лоиҳаи «Барномаи тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029»-ро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Имрӯз тиҷорати электронӣ тақрибан 22 фоизи маҷмӯи савдои ҷаҳониро ташкил медиҳад ва тибқи таҳлилҳои коршиносон, то соли 2040 ин нишондиҳанда то 95 фоиз афзоиш меёбад.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба 33,4 фоиз, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба 39,8 ва олии касбӣ ба 40,3 фоиз баробар аст. Нишондиҳандаҳои зикршуда ба талаботи меъёрҳои муайяншудаи байналмилалӣ ҷавобгӯӣ нестанд, зеро тибқи стандартҳо, агар нишондиҳандаи сифати таҳсилот то 50 фоизро ташкил диҳад, ғайриқаноатбахш ҳисобида мешавад.

Дар чунин ҳолат омода кардани мутахассисони баландихтисоси ҷавобгӯӣ ба талаботи имрӯзаи бозори меҳнати дохилию хориҷӣ, инчунин, тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳои илмию педагогӣ ғайриимкон мебошад. Чунин вазъият аз роҳбарону масъулини соҳа андешидани тадбирҳои таъхирнопазирро талаб менамояд.

Аз ин лиҳоз, Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва вазорату идораҳои марбута бояд фаъолиятро дар самти баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои ҳамаи зинаҳои таҳсилот ҷоннок намуда, доир ба мунтазам гузаронидани мониторинги сифати таълим чораҷӯйӣ намоянд.

Нашри китобҳои дарсӣ ва маводи таълимии босифат барои тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, масъалаи ҳалталаби соҳаи маориф мебошад.

Таҳлили вазъи афзоиши шумораи хонандагон, низоми маблағгузории нашри китобҳои дарсӣ ва истифодаи маблағҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки дар оянда хавфи ҷиддии норасоии китобҳои дарсӣ вуҷуд дорад.

Масъалаи сатҳу сифати китобҳои дарсӣ ва бозигарии мазмуну муҳтавои онҳо, аз ҷумла инъикоси ғояҳои давлатдории миллӣ ва арзишҳои ҳувиятсози халқамонро ман борҳо таъкид карда будам. Вале ин масъала то ҳанӯз ҳалли пурраи худро наёфтааст.

Аз ин рӯ, Вазорати маориф ва илмро зарур аст, ки бо дарназардошти раванди азнавсозии мазмуни таҳсилот, аз ҷумла гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим, дар заминаи хусусияту арзишҳои миллӣ, мувофиқ ба талаботи замони муосир ва пешрафту дастовардҳои илму техника ҷиҳати таҳия ва нашри китобҳои босифати дарсӣ ва маводи таълимӣ чораҳои таъхирнопазир андешад. Ҳамзамон бо ин, ҷиҳати бозигарӣ намудани барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, бо дарназардошти принсипҳои асосии муносибати босалоҳият ба таълим, бояд тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ карда шаванд.

Саломатии аҳолӣ ва ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон яке аз омилҳои муҳимтарини рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди пешравиҳои муайян, дар соҳа ҳанӯз мушкилоту масъалаҳои ҳалталаб мавҷуданд, ки як қатор бемориҳои хусусияти махсусдошта аз ҷумлаи онҳост.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи беморони диабети қанд рӯ ба афзоиш буда, дар соли 2023-юм 10 ҳазору 674 нафар бори аввал ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 6950 нафар ё 65 фоиз зиёд мебошад.

Имрӯз дар кишвар шумораи беморони диабети қанд қариб ба 65 ҳазор нафар расида, фавт аз ин беморӣ дар соли 2023 ба 787 нафар баробар гардидааст. Бинобар ин, муовини Сарвазир Матлубахон Сатториён, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Ҷамолиддин Абдуллозода дар самти дарёфт намудани маблағҳои мақсаднок барои бо инсулин пурра таъмин намудани беморони гирифтори диабети қанд ва тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим барои пешгирии пайдоиши ин намуди беморӣ чораҳои фаврӣ андешанд.

Тибқи маълумот, соли 2023-юм 1100 ҳодисаи нави сирояти вируси норасоии масунияти одам дарёфт ва ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 63 ҳодиса зиёд мебошад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар мамлакат зиёда аз 16 ҳазор ҳодисаи сироят ба ин вирус ба қайд гирифта шуда, аз ин шумора бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла бо сабаби бемории норасоии масуният, бемории сил ва ғайра 4433 нафар ё 27,5 фоизи беморон фавтидаанд.

Вобаста ба ин, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро зарур аст, ки дар самти дарёфти ҳодисаҳои нави сироят ба ин вирус, харидории тестҳои фаврӣ, аз ташхис гузаронидани шахсони никоҳшаванда, инчунин, дарёфти маблағҳои мақсаднок барои бо доруҳои зидди сил пурра таъмин намудани беморони гирифтори сил чораҳои амалиро роҳандозӣ намояд.

Бори дигар таъкид менамоям, ки сатҳу сифати омодасозии мутахассисон дар коллеҷҳои тиббӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯӣ нест. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ якҷо бо сохтору мақомоти дахлдор ҷараёни таълим ва омодасозии мутахассисон дар коллеҷҳои тиббиро зери назорати қатъӣ қарор дода, донишу малакаи касбии хатмкунандагони онҳоро дар сатҳи зарурӣ таъмин намояд.

Дар сиёсати давлату Ҳукумати Тоҷикистон танзими муносибатҳои меҳнатӣ, рушди бозори меҳнат ва бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ мавқеи асосӣ дорад.

Тибқи маълумот, соли 2023 дар кишвар беш аз 230 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шудааст. Аз ин шумора ҷойҳои кории доимӣ ҳамагӣ 79 ҳазор ё 34 фоизро ташкил медиҳанд.

Тибқи маълумот аз ҳисоби корхонаҳои саноатии навтаъсис 4,8 ҳазор ва умуман дар саноат 20 ҳазор ҷойи кории нав, иловагӣ ва барқароршуда таъсис ёфтааст. Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи ҷойҳои нав, иловагӣ ва барқароршудаи корӣ дар соҳаи саноат нисбат ба соли 2022 дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 4 фоиз, вилояти Хатлон - 2,1, вилояти Суғд - 27 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 0,4 фоиз кам гардидааст. Танҳо дар шаҳри Душанбе рушди нишондиҳандаи мазкур 174 фоиз таъмин шудааст. Яъне, ҳолати зикршуда нишон медиҳад, ки раванди муҳайё кардани ҷойҳои нави корӣ дар аксари минтақаҳои мамлакат ба талабот ва имкониятҳои мавҷуда мутобиқ нест.

Инчунин, корҳо аз ҷониби сохтору мақомоти масъул дар самти рушди ҳунармандию косибӣ ҳамчун самти муҳими бо шуғл таъмин намудани мардум дар маҳалҳо беҳбудии ҷиддиро тақозо дорад.

Дар кишвар шумораи ҳунармандон ҳамагӣ 8041 нафар, аз ҷумла онҳое, ки ба косибӣ машғуланд, 3216 нафарро ташкил медиҳад, ки хеле ва хеле кам аст.

Дар вилояти Хатлон шумораи ҳунармандон 3330 нафар, аз ҷумла косибон 1332 нафар, дар вилояти Суғд мутаносибан 2647 ва 1056 нафар, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 1393 ва 557 нафар, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 556 ва 222 нафарро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ камбудию монеаҳои дар ин самт мавҷударо ҳар чӣ зудтар бартараф созанд.

Вобаста ба ин, ҷиҳати ҳалли саривақтии масъалаҳои рушди соҳибкорию сармоягузорӣ, ҳунармандию косибӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ чораҳои мушаххасро амалӣ намоянд.

Ду сол пеш ман дар бораи таҳти сарпарастии аъзои Ҳукумат ва роҳбарони сохтору мақомоти давлатӣ қарор додани муассисаҳои таҳсилоти ибтидоию миёнаи касбӣ ва таъмиру таҷдиди онҳо супориш дода будам. Ҳоло муовини Сарвазир – сарпарасти соҳа, Дастгоҳи иҷроияи Президент, ёрдамчии Президент оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Абдулло Раҳмонзода ва раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ Фарҳод Раҳимиро вазифадор месозам, ки иҷрои супориши зикршударо баррасии ҷиддӣ ва назорат намоянд.

**Муҳтарам аъзои Ҳукумат ва ҳозирини гиромӣ!**

Ҳоло зарур мешуморам, ки андешаҳои худро доир ба вазъи қонунияту тартибот, мубориза бар зидди ҷиноятҳорӣ, аз ҷумла ҷиноятҳои террористию экстремистӣ, коррупсия, ҳолати мафкуравии ҷомеа, интизоми молиявӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба таъмини волоияти қонун иброз намоям.

Мувофиқи маълумоти ҷамъбасткардаи Прокуратураи генералӣ соли 2023 дар кишвар зиёда аз 21 300 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 5,1 фоиз кам буда, кушодашавии онҳо 75 фоизро ташкил додааст.

Аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат дар давоми сол аз муомилоти ғайриқонунӣ 5 тоннаю 283 килограмм маводи мухаддир, аз ҷумла 422,5 килограмм (соли 2022-юм 243,5 килограмм) героин мусодира гардидааст.

Тайи соли гузашта танҳо аз ҷониби мақомоти прокуратура 3954 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст, ки аз он 1137 парванда оид ба ҷиноятҳои коррупсионӣ ва ҷиноятҳои иқтисодии хусусияти коррупсионидошта мебошад.

Зарари ба давлат, корхонаҳо ва шаҳрвандон расонидашуда танҳо аз ҷониби мақомоти прокуратура дар ҳаҷми 1 миллиарду 212 миллион сомонӣ (соли 2022-юм 1 миллиарду 146 миллион сомонӣ) барқарор гардидааст. Инчунин, қариб 18 000 гектар (соли 2022-юм 16032) замин ба ҳолати аввала баргардонида шудааст.

Бояд гуфт, ки то ҳанӯз аз ҷониби раисони шаҳру ноҳияҳо қабули қарорҳои ғайриқонунӣ оид ба ҷудо ва вобаста намудани қитъаҳои замин ҷой дошта, соли гузашта 1311 (соли 2022-юм 1233) қарори ғайриқонунии онҳо бо эътирозҳои прокурорӣ бекор карда шудаанд. Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Ҳамадонӣ - 151, Кӯшониён - 92, Бобоҷон Ғафуров - 70, Ваҳдат - 56, Шаҳринав - 47, Истаравшан - 46, Исфара - 43, Восеъ - 39, Конибодом - 39, Деваштич - 36, Турсунзода - 34, Ҷаббор Расулов - 33, Кӯлоб - 33, Мастчоҳ - 32, Ҷайҳун - 32, Ашт - 31, Норак - 31, Абдураҳмони Ҷомӣ - 31, Хоруғ - 30, Файзобод - 30, Варзоб - 28, Шоҳмансур - 26, Хуҷанд - 25, Спитамен - 25, Ҷалолиддини Балхӣ 25 қарор, инчунин, дар дигар шаҳру ноҳияҳо низ аз 3 то 23 қарор бекор карда шудааст.

Дар як қатор шаҳру ноҳияҳо ҳодисаҳои аз ҷониби роҳбарият ва баъзе кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи шаҳраку деҳот, хоҷагиҳои кишоварзӣ ва шахсони алоҳида тақсимоти ғайриодилонаи қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ то ҳанӯз ҷой доранд.

Инчунин, ҳолатҳои сохтакории ҳуҷҷатҳои ҳуқуқи истифодаи замин, ғайриқонунӣ додан, хариду фурӯши заминҳо, худсарона ишғол кардани қитъаҳои замин ва дигар қонунвайронкуниҳо ҳоло ҳам аз байн нарафтаанд.

Умуман, дар як соли гузашта нисбат ба 161 нафар шахси мансабдор, аз ҷумла 5 корманди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, 4 меъмор, 25 корманди кумитаи идораи замин, 55 нафар корманди корхонаи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул, 65 нафар раисон ва муҳандис-заминсозони ҷамоатҳо, 7 нафар роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ барои ғайриқонунӣ додани замин, сохтакории ҳуҷҷатҳои заминсозӣ ва қаллобӣ парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шуда, қариб 18 ҳазор гектар қитъаи замини худсарона ишғолгардида ва ғайриқонунӣ додашуда ба ҳолати аввала баргардонда шудаанд.

Инчунин, ғасби беш аз 51 гектар заминҳои соҳаи маориф ошкор гардида, 25 гектари он (Шаҳритус 2,7 гектар, Ҷаббор Расулов - 2,6, Бобоҷон Ғафуров - 1,9, Истаравшан - 1,8, Панҷ - 1,8, Восеъ - 1,6, Деваштич - 1,4, Конибодом 0,90 гектар ва дигар шаҳру ноҳияҳо) ба ҳолати аввала баргардонида, 13 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

**Муҳтарам аъзои Ҳукумат!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бо мақсади истиқболи сазовори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи нақшаи чорабиниҳои тасдиқшуда корҳо дар тамоми гӯшаю канори мамлакат бомаром идома доранд. Ба ҳолати 1-уми январи соли 2024 дар доираи нақшаи чорабиниҳои зикршуда беш аз 11 000 иншоот бунёд гардидааст, ки 39 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, дар баъзе шаҳру ноҳияҳо иҷрои нақша дар сатҳи паст қарор дорад. Иҷрои нақша дар шаҳри Ваҳдат - 27 фоиз, Тоҷикобод - 27 ва Лахш 26 фоизро ташкил медиҳад.

Ба намояндагони ба шаҳру ноҳияҳо вобасташудаи Ҳукумати мамлакат, Дастгоҳи иҷроияи Президент ва роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бори дигар таъкид менамоям, ки вусъат додани бунёду таҷдиди иншооти ба нақша гирифташуда, сифати корҳои сохтмон, инчунин, ҳолати нигоҳдорӣ ва истифодабарии минбаъдаи онҳоро зери назорати қатъӣ қарор диҳанд.

Кумитаи меъморӣ ва сохтмон бояд ин масъала, аз ҷумла риояи санъати баланди меъморӣ, нақшаи генералии шаҳру ноҳияҳо, сифати масолеҳи сохтмон ва бунёди иншооту шабакаҳои коммуникатсиониро тибқи меъёрҳои қабулшудаи муосир ҷиддӣ назорат намояд.

Тавре дар Паём таъкид гардид, мо бояд барои наслҳои оянда ниҳол шинонем, боғ бунёд намоем, Ватанамонро пешрафта гардонем ва ба фарзандону набераҳоямон як мулки обод мерос гузорем. Бинобар ин, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки бо истифода аз тамоми имкониятҳои мавҷуда корҳоро барои амалисозии нақшаи чорабиниҳои соҳавӣ ва маҳаллии худ ва боз ҳам ободу зебо гардонидани шаҳру ноҳияҳо вусъат бахшанд.

Дар ин раванд, ба рушди илму маориф, омодасозии кадрҳои донишманду баландихтисос, бунёди коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва бо ҳамин роҳ паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ эътибори доимӣ ва ҷиддӣ дода шавад.

Ҳамзамон бо ин, тибқи супориши дар Паёми Роҳбари давлат додашуда гурӯҳи кории доимӣ фаъолияти худро ҷиҳати самаранок ба роҳ мондани корҳо дар самти ташкили инфрасохтори сайёҳӣ ва рушди соҳа, вусъати корҳои ободонӣ, назорати шароити зист ва машғулияти ҳар як оила ҳар чӣ зудтар оғоз карда, оид ба корҳои иҷрошуда ҳар семоҳа ба Ҳукумати мамлакат ҳисобот пешниҳод намояд.

Роҳбарони вазорату идораҳо, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳои шаҳраку деҳотро вазифадор менамоям, ки дар муҳлати шаш моҳ тозагию озодагии иншооту биноҳо, ташкилоту муассисаҳо, кӯчаю хиёбонҳоро то манзили истиқоматии ҳар як оила ва то дурдасттарин деҳоти кишвар таъмин намоянд.

Дастгоҳи иҷроияи Президент баъди муҳлати зикршуда иҷрои супоришро ҳамаҷониба санҷида, ба Роҳбари давлат гузориш пешниҳод созад. Дар сурати ошкор гардидани камбудиҳо доир ба иҷрои супориши мазкур роҳбарони ҳудуди дахлдор бетаъхир аз вазифа озод карда мешаванд.

Вобаста ба ин, зарур мешуморам, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» таҷдиди назар карда, нисбат ба шахсоне, ки дарахту буттаҳоро беасос мебуранд, табиатро хароб мекунанд, инчунин, ронандагону мусофироне, ки ба табиат, аз ҷумла шафати роҳҳо партов меандозанд, меъёрҳои ҷазои сахт ворид карда шаванд.

Ҳамчунин, зарур аст, ки аз берун ба шаҳри Душанбе ворид шудани ҳама гуна воситаҳои нақлиёте, ки намуди зоҳирии ифлос дошта, симои пойтахти кишварро коста мегардонанд, воситаҳои нақлиёте, ки газҳои зараррасони ихроҷкунандаашон аз меъёри муқарраргардида зиёд мебошад, инчунин, дар ҳудуди пойтахт ҳаракат кардани мошинҳои боркаше, ки масолеҳу борҳои интиқолшавандаи онҳо бо чодари махсус пӯшида нашудааст, қатъиян манъ карда шавад.

Соли ҷорӣ сафари расмии роҳбарони якчанд давлати хориҷӣ ба Тоҷикистон ва чорабиниҳои байналмилалӣ бо иштироки сарони даҳҳо кишвари ҷаҳон ба нақша гирифта шудааст. Вобаста ба ин, зарур аст, ки ба масъалаи ободу сабзкории пойтахт, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ва суръат бахшидани ободкорию созандагии ҳамаи шаҳру ноҳияҳои мамлакат эътибори боз ҳам бештар дода шавад.

Ҳамчунин, ҷиҳати дар сатҳи баланди ташкилӣ гузаронидани мавсими зимистони соли 2024, захираи кофии маҳсулоти озуқаворӣ, сӯзишворӣ, бехатарӣ аз сӯхтор, омодагӣ ба кишти баҳорӣ, иҷрои нақшаҳои кишт ва истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ чораҷӯйӣ карда шавад.

Таъкид месозам, ки аъзои Ҳукумат, роҳбарони ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бо истифода аз захираю имкониятҳои мавҷуда барои бартараф кардани камбудию норасоиҳои дар маҷлиси имрӯза зикргардида ва супоришу вазифаҳои гузоштошуда масъулияти шахсӣ доранд.

Такроран таъкид менамоям, ки соли 2024 барои ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҳар лиҳоз, қабл аз ҳама, аз нигоҳи амниятӣ ва таъминот бо маҳсулоти озуқаворӣ соли мураккабу вазнин мегардад.

Дар чунин шароит ҷиддан беҳтар кардани корҳои фаҳмондадиҳӣ доир ба риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», сарфаю сариштакорӣ ва пешгирӣ намудани зиёдаравию исрофкорӣ вазифаи шумо - роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва умуман, тамоми сохтору мақомоти давлатӣ мебошад.

Ҳамаи мо вазифадорем, ки дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноорому пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза ва афзоиши таҳдиду хатарҳои муосир ба истиқлолу озодӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем.

Ҳар яки мо бояд тамоми саъю талоши худро ба хотири ҳимояи арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, ободии Ватани азизамон ва рушди кишвари соҳибихтиёрамон равона созем.

**Саломат бошед!**

# МАҶЛИСИ ВАСЕИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(Идома аз саҳ. 1)

Дар маҷлиси Ҳукумати мамлакат прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Раҳмон, директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия Сулаймон Султонзода ва раиси Палатаи ҳисоб Қарахон Чиллазода доир ба фаъолияти мақомоти назоратию санҷишӣ дар самти пешгирии ҷинояту ҷиноятқорӣ, бартарафсозии қонуншиканиҳо дар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва риояи ҳатмии қонунҳои амалкунандаи мамлакат ҳисобот доданд.

Дастур дода шуд, ки мақомоти прокуратура, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Палатаи ҳисоб ҷиҳати пешгирӣ аз ҳолатҳои риоя накардани қонунгузории мамлакат оид ба истифодаи замин, танзими ҷашну маросим ва дигар соҳаҳо тадбирҳои сариваҷтӣ ва бетаъхир андешанд.

Дар идомаи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Саъдӣ Қодирзода ҳисобот дод.

Инчунин, дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода ва раиси КВД Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» Алиҷон Салимзода доир ба соҳаи бонкдорӣ ва сиёсати пулию қарзӣ ҳисобот доданд.

Ба роҳбарияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Бонки миллӣ ва дигар бонкҳои давлатию саҳомӣ дастур дода шуд, ки ҷиҳати ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ, хусусан сармояи мустақим, устувор нигоҳ доштани қурби асъори миллӣ, афзун намудани ҳаҷми қарздиҳӣ, гузариш ба муомилоти ғайринақдӣ ва ба шакли пурраи электронӣ гузарондани тамоми муносибатҳои молиявию бонкӣ чораҳои мушаххас андешанд.

Дар идомаи маҷлиси Ҳукумат вазири саноат ва технологияҳои нав Шералӣ Кабир гузориш дод. Таъкид гардид, ки эълон намудани солҳои 2022-2026 ҳамчун «Солҳои рушди саноат» барои амалишавии раванди саноатикунонии босуръати кишвар заминаи устувор гузошт.

Соли 2023 дар кишвар корхона ва коргоҳҳои нави саноатӣ бо таъсиси беш аз 4,8 ҳазор ҷойи нави корӣ мавриди истифода қарор дода шуда, нисбат ба соли қаблӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 12,0 фоиз афзоиш ёфт.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарияти Вазорати саноат ва технологияҳои навро ҷиҳати татбиқи амалии яке аз ҳадафҳои стратегӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат тавассути ба истифода додани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои бозистода ва пешгирӣ кардани раванди аз фаъолият бозмондани корхонаҳои саноатӣ, афзоиш додани истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатноки ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигарондашуда, зиёд намудани шумораи корхонаю коргоҳҳои хурди истеҳсолӣ дар шаҳру ноҳияҳо, бахусус, дар самти коркарди меваю сабзавот ва таъмини фаъолияти муназзами корхонаҳои саноатӣ ва бо назардошти талаботи бозори дохилӣ ба роҳ мондани истеҳсоли либоси мактабӣ вазифадор намуданд.

Ба вазири энергетика ва захираҳои об Далер Ҷумъа ва роҳбарони ширкатҳои соҳа барои татбиқи сариваҷтию босифати лоиҳаҳои кам кардани талафоти неруи барқ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар, ҷорӣ намудани низоми биллингӣ ва баҳисобгирии пурраи истифодабарандагони неруи барқ, ҷамъоварии сариваҷтии маблағи он аз аҳолӣ ва ташкилоту корхонаҳо ва бунёди иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли неруи барқ дастуру супоришҳои мушаххас дода шуданд.

Дар кори маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи вазири нақлиёт Азим Иброҳим оид ба натиҷаи корҳо дар соли 2023 шунида шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш доданд, ки Вазорати нақлиёт якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати суръат бахшидани раванди рақамикунонии соҳаи нақлиёти автомобилӣ, истифодаи васеи нақлиёти барқӣ ва роҳандозии инфрасохтор барои нақлиёти барқӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

Дастурҳои дигар ба Вазорати нақлиёт оид ба навсозии парки воситаҳои ҳаракаткунандаи роҳи оҳан, харидории вагонҳои замонавии мусофирбар, аз ҷумла боркаш ва локомотивҳо, дода шуд.

Вазири кишоварзӣ Қурбон Ҳакимзода, раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зист Баҳодур Шерализода ва директори Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҷаббор Юсуфзода оид ба истифодаи мақсадноки заминҳо, ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои нав, зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва содироти он ба хориҷи кишвар, рушди соҳаи парандапарварӣ, чорводорӣ, зотпарварӣ, моҳипарварӣ, зироату сабзавоткорӣ, растанипарварӣ, коркарди сариваҷтии замин, истифодаи тухмиҳои хушсифат ва нуриҳои минералӣ, инчунин, пайомадҳои тағйирёбии иқлим, вазъи экологӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба соҳа ҳисобот доданд.

Вобаста ба омодагии ҳамаҷониба ба мавсими кишти баҳорӣ, хусусан, дар самти истифодаи самараноки ҳар як ваҷаб замин, бо назардошти вазъи камборишию хушкии имсола яхобмонии сариваҷтӣ, омода намудани пойгоҳҳои обкашӣ, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, риояи қоидаҳои агротехникӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва гирифтани 3-4 ҳосил аз заминҳои корами обӣ, ниҳолшинонӣ, таъмини хоҷагиҳои кишоварзӣ бо тухмии баландсифати зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла тухмии зироатҳои ғалладонагии репродуксияи баланд, инчунин, тухмиҳои ба иқлим мутобиқшуда ва парвариши навъҳои минтақабобгардидаи зироатҳои кишоварзӣ Вазорати кишоварзӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор гардиданд.

Вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Ҷамолиддин Абдуллозода, президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қобилҷон Хушвахтзода ва раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Фарҳод Раҳимӣ ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот, таҳия ва нашри китобҳои босифати дарсӣ ва маводи таълимӣ, бунёди мактабҳои наву замонавӣ, тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим, бунёду навсозии бунгоҳҳои тиббӣ ва марказҳои саломатӣ, ҳамчунин, бо шуғл таъмин намудани мардум дар маҳалҳо ва рушди ҳунармандию косибӣ вазифадор карда шуданд.

Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ зимни ҳисоботи худ изҳор доштанд, ки соли 2023 аз тарафи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии мамлакат ва дар ин замина баланд бардоштани некуаҳволии сокинони пойтахт, инчунин, ба марҳалаи нави рушд ворид намудани шаҳри Душанбе як қатор иқдомоти созанда амалӣ гардида, зиёда аз 41 ҳазор ҷойи нави корӣ ва тайи ду соли охир беш аз 83 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд. Бо амалӣ намудани чорабиниҳои мақсаднок соли сипаришуда зиёда аз 6 ҳазор бонувон бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд ва беш аз 3 ҳазор нафари онҳо аз рӯи ихтисосҳои гуногун курсҳои касбомӯзиро хатм намуданд.

Ба таъкиди Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ рушди маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ асосан аз ҳисоби афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 121 фоиз, савдо - 112, хизматрасониҳои пулакӣ - 120, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ - 107, боркашонӣ - 116 ва мусофиркашонӣ 105 фоиз таъмин гардид.

Дар доираи ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати кишвар раванди бунёди корхонаҳои саноатӣ дар ин давра вусъати тоза касб намуда, дар корхонаҳои саноатии шаҳр дар ин давра ба маблағи 4,2 миллиард сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст.

Сохтмон 12 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилии шаҳрро ташкил намуда, соли сипаришуда дар он беш аз 5 ҳазору 200 нафар сокинон бо ҷойи корӣ доимӣ ва 16 ҳазор бо ҷойи кории муваққатӣ ва маоши муносиб таъмин гардиданд. Дар соли 2023 беш аз 550 ҳазор метри мураббаъ ва дар ҳафт соли охир 2,7 миллион метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ ба истифода супорида шуданд, ки ин дастовард дар даврони соҳибистиқлолӣ бесобиқа буда, нисбат ба 7 соли пеш 2,1 миллион метри мураббаъ зиёд мебошад. Ҳоло дар доираи нақшаи генералии шаҳр бунёди зиёда аз 407 иншооту биноҳои таъйиноти гуногун идома дорад.

- Масъалаҳои беҳтар намудани шароити муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим, сатҳи дониши хонандагон ва савияи касбии омӯзгорон таҳти ғамхорию дастгирии доимии роҳбарияти шаҳр қарор доранд,- иброз доштанд Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ.

Соли 2023 дар шаҳр 6 муассисаи таълимӣ барои 10 ҳазору 300 ҷойи нишаст ва 3 муассисаи томактабӣ барои беш аз 410 ҷой сохта, ба истифода дода шуд. Дар 7 соли охир 42 муассисаи таълимӣ бо 70 ҳазор ҷойи нишаст ва 22 муассисаи томактабӣ барои беш аз 3 ҳазор тарбиятгиранда бунёд гардид.

Ҳоло дар шаҳр сохтмони боз 13 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо 28 ҳазор ҷойи нишаст ва 55 муассисаи томактабӣ барои 10 ҳазор тарбиятгиранда бомаром идома дошта, соли 2024 ба истифода супоридани 5 муассисаи таълимӣ бо 6400 ҷойи нишаст дар як баст ба нақша гирифта шудааст.

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Алишер Мирзонабот, раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ва раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар соли 2023 ҳисобот доданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат ҷиҳати густариш бахшидани раванди омодагӣ ба Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи нишондиҳандаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳия ва иҷрои нақшаи чорабиниҳо вобаста ба амалигардонии «Солҳои рушди саноат», ҳалли сариваҷтии арзу шикоятҳои мардум, дастгирии соҳибкорӣ, тақвияти ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ, таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатию кишоварзӣ, бештар намудани ҳаҷми содироти онҳо, тақвияти фаъолияти муассисаҳои маориф, тандурустӣ ва фарҳанг дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Дар охири кори маҷлиси васеи Ҳукумат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар дар соли 2023 ва вазифаҳо барои соли 2024 бо натиҷагирӣ аз фаъолияти тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба аъзои Ҳукумат, Дастгоҳи иҷроияи Президент, роҳбарони вазорату идораҳо, вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва дигар мақомоти давлатӣ барои рафъи камбудиҳои мавҷуда, иҷрои нишондиҳандаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳия ва татбиқи нақшаи чорабиниҳои таъминкунандаи пешрафту тараққиёти соҳаҳо ва минтақаҳои кишвар дастуру супоришҳои мушаххас дода, дар ҳузури иштирокчиёни ҷаласа суханронӣ карданд.

**www.prezident.tj**

# ТАСДИҚИ СОЗИШНОМАЕ, КИ БАРОИ НБО «РОҒУН» 100 МИЛЛИОН ДОЛЛАР САРМОЯ МЕОРАД



(Идома аз саҳ. 1)

**Амонулло ХАЙРУЛЛО:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи НБО «Роғун» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди саудии рушд 4-уми декабри соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми январи соли 2024 таҳти №1995 созишномаи мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд.



Созишнома аз ҳисоби маблағҳои қарзии Фонди саудии рушд, ки 100 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, амалӣ гардида, барои идомаи иҷрои корҳои ҷузъи чорум дар НБО «Роғун» нигаронида шудааст.

Лоиҳаи НБО «Роғун» ба қисматҳои корҳои сохтмонӣ ва хизматрасониҳои машваратӣ ҷудо гардида, дар навбати худ корҳои сохтмонӣ аз 4 ҷузъи зерин иборат мебошанд:

- ҷузъи якум: таъмин ва насб намудани чор турбинаи нав, навсозӣ ва нигоҳдории ду турбинаи пешина бо иқтидори 600 МВт, таъмин ва насби трансформаторҳо ва таҷҳизоти ёрирасон;

- ҷузъи дуюм: сохтмони сарбанди асосӣ бо баландии 335 м, дарозии 760 м ва паҳноии 20 м. Илова ба ин, ҷузъи мазкур корҳои сохтмонӣ ва коркарди масолеҳро, ки дар умқи сарбанд воқеъ аст, дар бар мегирад;

- ҷузъи сеюм: сохтмони иншооти соҳилии тарафи рост - чаҳор нақби гидротехникии обпарто бо мақсади таъмини интиқоли селоб;

- ҷузъи чорум: сохтмони иншооти соҳилии тарафи чап - шаш канали обӣ барои таъмини ҷараёни баланди об ба турбинаҳо барои тавлиди неруи барқ.

Ҳамзамон, қисмати хизматрасониҳои машваратии лоиҳа омода намудани таҳлилҳо, арзёбӣ, асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ, лоиҳакашии нақшаҳо, ҳуҷҷатҳои озмунҳои харид ва назорати сохтмонро дар бар мегирад.

Лозим ба ёдоварист, ки қарзи пешниҳодшуда имтиёзнок буда, дорои элементи грантии 35,46 фоиз мебошад.

Лоиҳаи мазкур дар «Барномаи қарзгирии беруна барои солҳои 2024-2026» ба инобат гирифта шуда, ба татбиқи ҳадафи стратегии мамлакат - расидан ба истиқлолияти энергетикӣ бо роҳи таъмини неруи барқи барқароршаванда ҷиҳати қонеъ кардани талаботи маҳаллӣ ва тавсеаи тавлиди неруи барқи дохилӣ ва минтақавӣ тавассути истеҳсоли «энергияи сабз» мусоидат менамояд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳояшон тасдиқ намудани созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намуданд. Созишнома ба моддаи 57-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 10-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқ намудани Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи НБО «Роғун» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди саудии рушдро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Рустам Латифзода дода мешавад. Марҳамат.

**Рустам ЛАТИФЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Таъмини рушди муназзаму устувори иқтисоди миллӣ, қонеъ гардондани талаботи афзояндаи соҳаҳои истеҳсолӣ ва аҳолии кишвар аз худ кардани иқтидорҳои нави гидроэнергетикиро тақозо менамояд. Тибқи таҳлилҳо, рушди демографӣ, суръати баланди саноатикунонии мамлакат боиси ҳамасола 2-2,5 дарсад афзудани талабот ба неруи барқ мегардад.

Неругоҳи барқи обии «Роғун» яке аз бузургтарин лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ мебошад, ки бо иқтидори 3600 мегаватт имкон дорад на танҳо кишвари мо, балки кишварҳои минтақаро бо барқи тоза таъмин намояд.

Ташкили фазои боэътимоди сармоягузорӣ, ташкил ва таъмин намудани назорати техникию технологӣ, истифодаи маводу масолеҳи аълосифати муосир ва таҷҳизоти ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ ба баланд бардоштани эътимоднокии НБО «Роғун» ва ҷалби бештари сармояи шарикони рушд мусоидат карда истодааст.

Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи НБО «Роғун» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди саудии рушд яке аз намунаи ҳамкориҳои муваффақ дар рушди соҳаи энергетика мебошад, ки ба ноил шудан ба ҳадафи стратегии миллӣ – расидан ба истиқлолияти энергетикии кишвар равона шудааст.

Маблағи созишномаи қарзии мазкур асосан ба таъмин ва насби турбинаҳои нав, нигоҳдории 2 турбинаи амалкунанда, насби таҷҳизоти дигари зарурӣ, корҳои сохтмонӣ, таъмини бехатарӣ ҳангоми офатҳои табиӣ равона мегарданд.



Созишнома ба амнияти энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва истеҳсоли неруи барқи таҷдидшаванда, ки Тоҷикистон аз ин ҳисоб, яъне «энергияи сабз», дар ҷаҳон ҷойи 6-умро мегирад, пешбинӣ карда шудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатишон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (28-уми декабри соли 2024) иброз доштанд, ки бо тавсеаи ҳамкориҳо бо шарикони рушд ва равона сохтани маблағҳои зарурӣ аз буҷети давлатӣ соли 2032 истеҳсоли барқ дар кишвар пурра аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда, яъне 100 дарсад бо «энергияи сабз» таъмин гардида, дар ин замина аз рӯйи меъёрҳои байналмилалӣ то соли 2037 партови газҳои гулхонаӣ то ҳадди ниҳоӣ коҳиш дода мешавад. Аз ин рӯ, амалӣ намудани созишномаи мазкур қадамест барои расидан ба ин ҳадафҳо ва шинохти Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсафи ҷаҳон дар самти инкишофи «иқтисоди сабз».

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин ва фраксияи Ҳизби аграрии Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагон созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ менамояд ва аз вакилони гиромӣ хоҳишмандем, ки барои тасдиқи он овоз диҳанд.

**РАИС:** - Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад?

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзулло Баротзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзулло БАРОТЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи НБО «Роғун» байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди саудии рушд, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, ҳуҷҷати муҳим дар самти қарзгирии беруна маҳсуб мешавад. Ноил шудани роҳбарияти олии сиёсии кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин қарзи имтиёзнок ва дорои унсури грантӣ, пеш аз ҳама, аз сиёсати муваффақонаи хориҷии мамлакат бо сарварии Пешвои миллат, амну субот ва бахши барои ҷалби инвеститсия қобили эътимод будани соҳаи энергетикаи кишвар дарак медиҳад.

Фонди саудии рушд яке аз ташкилотҳои бонуфузи инвеститсионӣ дар олами ислом ба шумор рафта, бо ҳукуматҳои кишварҳои рушдкунанда ҳамкорӣ менамояд. Ҳоло фонди мазкур дар 82 кишвари ҷаҳон 687 лоиҳаро маблағгузорӣ менамояд, ки он соҳаҳои нақлиёту коммуникатсия, энергетика, кишоварзӣ, саноат ва коркарди маъданро фаро мегирад. Созишномаи қарзӣ, ки барои идомаи иҷрои корҳо дар қисмати чоруми НБО «Роғун» нигаронда шудааст, барои ноил шудан ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар - расидан ба истиқлолияти энергетикӣ мусоидат мекунад. Аз ҷониби дигар, татбиқи самараноки ҳадафҳои созишномаи қарзии мазкур ҷалби маблағгузориҳои навро дар дигар бахшҳои зерсохтории иқтисодиёти кишвар осон мегардонад. Бинобар ин, аз шумо - вакилони муҳтарам эҳтиромона хоҳишмандем, ки тасдиқи Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи НБО «Роғун» байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди саудии рушдро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи НБО «Роғун» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди саудии рушд» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишномаи истирдод байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода дода мешавад. Марҳамат.

**Равшан РАҶАБЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи истирдод байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар 23-юми октябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Он бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳар ду кишвар баста шуда, ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои аҳдкунанда, ки аз дигар шартномаҳои байналмилалӣ ё созишномаҳо бармеоянд, дахолат намекунад, инчунин, ба тарафҳои аҳдкунанда ё мақомоти ҳифзи ҳуқуқи онҳо барои расондани ёрии ҳуқуқӣ ба якдигар дар асоси дигар шартнома ё созишномаҳо монеъ шуда наметавонад. Минбаъд, дар заминаи созишномаи мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва тартиби истирдод байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар, аз ҷумла иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатӣ ва муносибатҳо вобаста ба уҳдадории истирдод, мақомоти ваколатдори марказӣ, мазмуни дархости истирдод, асосҳои рад кардани дархости истирдод, тадбирҳое, ки бояд иқдом карда шаванд, дастгиркунии пешакӣ, мавқуф гузоштани истирдод, ваколатҳо, хароҷот, забон, соҳаи татбиқ, ҳалли баҳсҳо, тағйиру иловаҳо, эътибор пайдо намудан, муҳлати амал ва қатъ гардидани он муқаррар ва ба танзим дароварда мешаванд.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми январи соли 2024, таҳти № 1996 Созишномаи истирдод байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани хулоса, инчунин, барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон созишномаи мазкурро қобили дастгирӣ донистанд. Созишномаи истирдод байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамояд, ки ба тарафдории тасдиқи Созишномаи истирдод байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар овоз диҳед.

**РАИС:** - Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Рустам Шоҳмурод дода мешавад. Марҳамат.

**Рустам ШОҲМУРОД:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Яке аз аломатҳои ба худ хоси ҷаҳонишавӣ он аст, ки ҷиноят хусусияти махсуси ҳудудии худро гум карда, ба сатҳи нав – байналмилалӣ ё фаромиллӣ баромадааст. Дар ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятии муосир падидаи истирдод ҳамчун механизм ва унсури махсуси муборизаи муштараки давлатҳо бо ҷинояткории байналмилалӣ ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ҷинояткорон ва айбдоршавандагон мавқеи муҳимро ишғол мекунад, вале тибқи қонунҳои байналмилалӣ, барои супоридани ашхосе, ки ҷиноят содир намудаанд, ҳеҷ гуна уҳдадории умумии давлатҳо вуҷуд надорад. Уҳдадории қонунии супоридан танҳо дар сурате мавҷуд мебошад, агар давлатҳо созишномаҳои дуҷониба ё бисёрҷонибаро оид ба супоридан, ки онҳо уҳдадории супоридани ҷинояткоронро аз рӯи ҷинояти



мушаххас муқаррар мекунанд, баста бошанд. Аз ин ҷост, ки истирдод аз ҷониби як давлат супоридани шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят дар давлати дигар айбдор ё маҳкум шудааст, ба он давлат мебошад, ки ният дорад ин шахсро тибқи қонунҳои худ таъқиб кунад ё ҷазо диҳад. Моҳиятан, истирдод санади ҳамкории байналмилалию ҳуқуқӣ бо мақсади муборизаи муштарак бо ҷиноятқорӣ мебошад. Истирдод якчанд марҳиларо дар бар мегирад:

- мурофиати давлат бо дархост дар бораи дар ҳудуди дигар давлат муқаррар намудани маҳали будубоши шахсе, ки бояд супорида шавад ва супоридани чунин шахс;

- санҷиши ҳолатҳое, ки метавонанд ба супоридан монеъ шаванд;

- раванди қабули қарор аз рӯи дархост;

- супоридани воқеии чунин шахс ба давлати дархосткунанда.

Созишномаи истирдод байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар, ки 23-юми октябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст, ба талаботи муосири санадҳои соҳавӣ ҷавобгӯ буда, манфиати ҷонибҳоро дар мубориза бо ҷиноятқорӣ инъикос менамояд. Аз ин рӯ, аз шумо – вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқи Созишномаи истирдод байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатарро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи истирдод байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишнома дар бораи бозпас додани маҳкумшудагон барои адои минбаъдаи ҷазо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода дода мешавад. Марҳамат.

**Равшан РАҶАБЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома дар бораи бозпас додани маҳкумшудагон барои адои минбаъдаи ҷазо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар 23-юми октябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Пас аз тасдиқи созишномаи мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва тартиби бозпас додани маҳкумшудагон барои адои минбаъдаи ҷазо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар, аз ҷумла иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатӣ ва муносибатҳо вобаста ба уҳдадорӣ оид ба бозпас додани маҳкумшудагон, мақомоти ваколатдори марказӣ, шартҳои бозпас додани маҳкумшуда, мазмуни дархост, рад кардани дархости бозпас додани маҳкумшуда, санҷиш ва розигӣ, иҷро, ваколатҳо, авф, бахшиши ҷазо ва аз нав дида баромадани қарор, маълумот дар бораи иҷрои ҷазо, тартиби бозпас додани маҳкумшуда, хароҷот, забон, соҳаи татбиқ, ҳалли баҳсҳо, тағйиру иловаҳо, эътибор пайдо намудан, муҳлати амал ва қатъ гардидани он муқаррар ва ба танзим даровarда мешаванд. Созишномаи мазкур барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони Тоҷикистон, инчунин, иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатӣ зарур ва бамаврид буда, барои оянда ҳамчун заминаи ҳуқуқӣ ба шумор меравад.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми январи соли 2024, таҳти № 1997 Созишнома дар бораи бозпас додани маҳкумшудагон барои адои минбаъдаи ҷазо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани хулоса, инчунин, барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи мазкурро қобили дастгирӣ донистанд.

Созишнома дар бораи бозпас додани маҳкумшудагон барои адои минбаъдаи ҷазо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Аз ин рӯ, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Толибхон Азимзода дода мешавад. Марҳамат.

**Толибхон АЗИМЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома дар бораи бозпас додани маҳкумшудагон барои адои минбаъдаи ҷазо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар яке аз санадҳое мебошад, ки роҳҳои амалишавии ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандони ҳар ду давлат вобаста ба адои минбаъди ҷазо дар муассисаҳои ислоҳии тарафҳоро муайян мекунад.

Мувофиқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзиши олӣ эътироф гаштааст, бинобар ин, давлат барои амалӣ гаштани ин меъёрҳо чораҳои заруриро меандешад.

Аз мазмуни созишномаи мазкур бармеояд, ки дар он ҳамаи паҳлуҳои муносибатҳои байнидавлатӣ, аз ҷумла вазифаҳои мақомоти ваколатдор, шартҳои амалӣ намудани бозпас додан, тартиби танзими пешниҳоди ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ, иҷро гардонидани онҳо дар сатҳҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар амалиётҳо ба расмият даровarда шудаанд. Ғайр аз ин, бо амалӣ намудани чунин талабот он имкон медиҳад, ки шаҳрвандон ҷазои минбаъдаро дар ҳудуди давлат адо намуда истода, аз санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ҳолати онҳоро сабук мегардонад, бархӯрдор бошанд. Аз ҳама муҳим он аст, ки саргардонии хешовандонашон аз байн рафта, бо онҳо дар тамос мешаванд, вохӯрӣ ва дастовезҳои дар қонун пешбинигаштаи ба онҳо розигидодаро сари вақт мегиранд. Ҳамзамон, аз ҳимояи судӣ истифода карда, оид ба бандубасти сабукии амалҳои ҷиноии худ муроҷиат мекунанд ва ҳангоми будани зарурат аз онҳо бархӯрдор мегарданд. Дар маҷмӯъ, аз ҳамаи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ҳангоми адои минбаъдаи ҷазо нисбат ба дигар маҳкумшудагон қабул мегарданд, нисбаташон татбиқ карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони муҳтарам хоҳиш менамоям, ки тасдиқи созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома дар бораи бозпас додани маҳкумшудагон барои адои минбаъдаи ҷазо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишнома дар бораи ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар» оғоз менамоем. Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода дода мешавад. Марҳамат.

**Равшан РАҶАБЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома дар бораи ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар 23-юми октябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Созишномаи мазкур бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳар ду кишвар дар ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ баста шудааст.

(Давомаш дар саҳ. 4)

# ТАСДИҚИ СОЗИШНОМАЕ, КИ БАРОИ НБО «РОҒУН» 100 МИЛЛИОН ДОЛЛАР САРМОЯ МЕОРАД

(Идома аз саҳ. 3)

Созишномаи мазкур ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои Тарафҳои аҳдкунанда, ки аз дигар шартномаҳои байналмилалӣ ё созишҳо бармеоянд, дахолат накарда, инчунин, ба тарафҳои аҳдкунанда ё мақомоти ҳифзи ҳуқуқи онҳо барои расондани ёрии ҳуқуқӣ ба якдигар дар асоси дигар шартнома ё созишномаҳо монеъ шуда наметавонад.

Созишнома дар бораи ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони Тоҷикистон зарур ва бамаврид буда, барои оянда ҳамчун заминаи ҳуқуқӣ ба шумор меравад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон созишномаи мазкурро мавриди омӯзиш қарор дода, онро пурра ҷонибдорӣ намуданд.

Созишнома дар бораи ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар ба талаботи моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мухолифат надорад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Сухани навбат ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Мавсума Муинӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Мавсума МУИНӢ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ ва ҳозирини арҷманд!**

Вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир, ба монанди терроризму экстремизм, ифротгароӣ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, қочоқи силоҳ ва маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояту ҷинояткорӣ, инчунин, таъмин, риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баландбардории маърифати ҳуқуқии онҳо водор менамояд, ки дар ин самт тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

Созишнома дар бораи ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар, ки дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми июни соли 2023 таҳти № 582 23-юми октябри соли 2023 ба имзо расонда шудааст, баҳри танзим, тақвият ва самаранокии фаъолияти ҳар ду кишвар дар самти ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ ва судӣ вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ заминаи ҳуқуқиро фароҳам меоварад. Ҳамзамон, бо назардошти эътироф гардидани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун арзишҳои олӣ дар кишвари соҳибистиқлоли мо, эътибор пайдо кардан ва мавриди амал қарор гирифтани созишномаи мазкур ба манфиати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар асоси муқаррароти созишнома ва қонунгузории миллии худ ҷонибҳо дархостҳои расондани ёрии ҳуқуқӣ ва судиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ иҷро ва ирсол менамоянд.

Кофтукови шахсон ва даромадҳои аз ҷиноят бадастомада, инчунин, ба ҳабс гирифтан, нигоҳдорӣ ва мусодираи ашёе, ки далели шайъӣ мебошад, пешниҳоди маълумот ва ҳуҷҷатҳои аслӣ ё нусхаи тасдиқшудаи онҳо, гирифтани хулосаҳо ва мубоҳисаҳои коршиносон, пурсиши айбдоршавандагон ва гумонбаршудагон, гирифтани нишондоди шоҳидон ва коршиносон, азназаргузаронии ашё ва ҷойи ҳодиса, расондани ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ ва дигар шаклҳои ёрии ҳуқуқӣ ва судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ мутобиқи мақсадҳои созишномаи мазкур аз ҷумлаи дархостҳои ҷонибҳо буда метавонанд.

Ҳамин тариқ, бо тасдиқ гардидани Созишнома дар бораи ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандони мо ба воситаи санади мазкур риоя ва ҳифз гардида, тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои кор зимни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноят, эҳтироми қонун, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба амал баровардани адолати судӣ таъмин мегардад. Бинобар ин, хоҳишмандам тасдиқи Созишнома дар бораи ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар ҷонибдорӣ карда шавад.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома дар бораи ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» шурӯъ мекунем. Сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сурайё Дӯстмуродзода дода мешавад. Марҳамат.

**Сурайё ДӮСТМУРОДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо 10-уми майи соли 2019 баён доштанд, бо мақсади мукаммал намудани заминаи меъёрию ҳуқуқии фаъолияти суғуртавӣ ва ба талаботи муосири низоми суғурта ҷавобгӯ намудани он пешниҳод гардид.



Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», ки соли 2016 қабул гардидааст, ҳама паҳлуҳои фаъолияти суғуртавӣ, аз ҷумла мақоми идоракунӣ, фаъолияти филиалҳо ва намояндагиҳои ташкилотҳои суғуртавии ватанию хориҷӣ, мутобиқатии ҳисоботҳои молиявӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ва танзиму назорати фаъолияти субъектҳои фаъолияти суғуртавиро мушаххас инъикос накарда, мавҷуд набудани баъзе муқаррарот ва мафҳумҳо ва ба ҳамдигар мухолифат доштани онҳо то андозае ба рушди соҳа монеаҳо эҷод менамуд. Вобаста ба ин, ҷиҳати батанзимдарории баъзе самтҳои фаъолияти суғуртавӣ заминаи меъёрию ҳуқуқӣ таҳия гашт, ки дар сатҳи зарурӣ танзиму назорати соҳаи суғуртаро дар шароити муосир таъмин менамояд.

Дар моддаи 1-уми лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади тавсиф додани баъзе истилоҳоти фаъолияти суғуртавӣ мафҳумҳои иловагӣ пешбинӣ гардида, ба баъзе мафҳумҳои дигар тағйиру иловаҳои хусусияти таҳриридошта ворид карда шуданд. Ҳамзамон, барои сода гардондани раванди иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти суғуртавӣ моддаи 6 дар таҳрири нав таҳия шудааст, ки раванди баррасӣ ва пешниҳоди иҷозатнома ба муроҷиаткунандаро осон намуда, барои таъсис додани ташкилотҳои суғуртавии хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меорад, ки баҳри расидан ба ҳадафҳои натиҷабахш ва дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ такони ҷиддӣ мебахшад.

Бо мақсади мутобиқ намудани қонунгузорӣ дар лоиҳаи қонуни мазкур моддаи алоҳида «Моддаи 25[1]. Суғуртаи мутақобила» илова карда шуд. Тавре маълум аст, ин соҳаи алоҳидаи бахши суғурта маҳсуб ёфта, дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад. Дар баробари ин, аз қонуни амалкунанда, вобаста ба зарурати истеҳсолии соҳа, моддаи 29 хориҷ карда шуда, ба моддаҳои 1, 3, 4, 6, 8, 13, 19, 20, 24, 27, 31, 34, 36 ва 37 тағйиру иловаҳои хусусияти таҳриридошта ворид карда шуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди хулосаҳо, дар маҷмӯъ, ҷонибдорӣ ва ҳамзамон, 60 таклифу дархост пешниҳод намуданд, ки аз онҳо 14-тоаш қабул, 17-тоаш қисман қабул шуда, 29-тоаш қабул нагардид.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 60-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои қабули он овоз диҳед.

**РАИС:** - Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Парвиз Шодизода дода мешавад. Марҳамат.

**Парвиз ШОДИЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Суғурта унсури муҳими низоми молиявии кишвар ба ҳисоб рафта, кафили ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандон ва давлат аст. Такмили қонунгузории суғурта ва татбиқи он талаботи ҳатмӣ барои таъмини боэътимоди кори субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои суғуртакунандагон ва суғурташавандагон мебошад. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, бо мақсади рушди фаъолияти суғуртавӣ ва бозори суғурта дар кишвар, танзиму назорати возеҳи фаъолияти суғуртавӣ равона гардида, ҷавобгӯ ба талаботи ҷомеа ва таҳкими фазои ҳуқуқии кишвар мебошад. Аз ин рӯ, аз шумо - вакилони муҳтарам эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд. Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

---

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 419669 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Ноқилҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 09.02.2024 15:20:50 |
| 2 | 419670 | Муассисаи давлатии маҷаллаи «Русский язык и литература в школах Таджикистана» | Чопи маҷаллаи «Русский язык и литература в школах Таджикистана», адади нашри як шумора - 3800, адади нашри солона – 22800 дона, вароқи чопӣ - 80, андозаи 70x100, 1/16, блок 2+2, муқова 4+1 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 12.02.2024 09:30:00 |
| 3 | 419671 | КВД «Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | Қисмҳои эҳтиётӣ барои банкомат, видеорегистратор, камераҳои назоратӣ ва диск | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 50 | 12.02.2024 11:35:0 |
| 4 | 419673 | Муассисаи давлатии «Хонаи кӯдакони №1»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.02.2024 09:55:00 |
| 5 | 419674 | КВД «Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | Омода намудани дафтари қайдҳо бо бренди «Амонатбонк», таквими рӯимизӣ, пакети коғазӣ ва борхалтаи матогин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 14.02.2024 10:15:00 |
| 6 | 419675 | Муассисаи давлатии «Мактаби махсуси варзишии захираҳои олимпии №8 оид ба батут ва акробатикаи варзишӣ»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.02.2024 10:20:00 |
| 7 | 419676 | Муассисаи давлатии махсуси умумии асосии «Мактаб - интернати №3»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои хобгоҳи муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.02.2024 10:20:00 |
| 8 | 419677 | Муассисаи давлатии «Раёсати кор бо мактабҳо ва иншоотҳои варзишӣ»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории майдончаи варзишӣ дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.02.2024 10:30:00 |
| 9 | 419678 | Муассисаи давлатии «Боғи Парчами миллӣ» - и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ниҳоли гулҳои мавсимӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 14.02.2024 10:50:00 |
| 10 | 419679 | Муассисаи давлатии «Раёсати кор бо мактабҳо ва иншоотҳои варзишӣ»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории майдони варзишӣ дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.02.2024 11:15:00 |
| 11 | 419680 | Муассисаи давлатии «Боғи Парчами миллӣ» - и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ниҳоли гулҳои мавсимӣ ва буттаҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 14 | 14.02.2024 11:15:00 |
| 12 | 419682 | Муассисаи давлатии «Боғи фарҳангӣ-фароғатии «Ҷавонон»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Ниҳоли гул, нурии минералӣ ва поруи органикӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 14.02.2024 14:03:00 |
| 13 | 419681 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 38 | 14.02.2024 15:25:25 |
| 14 | 419683 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 38 | 14.02.2024 16:46:46 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

---

# ATTENTION TO THE UPCOMING SELECTION!

## Early Childhood Development to Build Tajikistan's Human Capital Project funded by the World Bank
## Ministry of Finance of the Republic of Tajikistan announces a competition for selection for the position: Project coordinator

The Project Coordinator provides technical and managerial assistance to the MOF in the effective implementation of Project activities in close collaboration with the MOES and MOHSP. S/he should efficiently manage project activities, closely work with international and local consultants, and district coordinators toward the achievement of Project Development Objectives (PDO) in accordance with the requirements and procedures specified in the Financing Agreement, the Project Operating Manual and other Project documents.

**Qualification requirements**

1. University degree in Finance, Economics, Human Development (HD: education, health, social protection), Business Administration or equivalent;
2. Fluent Tajik, Russian and English languages in speaking, reading and writing satisfactory to the World Bank team;
3. Two reference letters from the non-public institutions satisfactory to both the MoF and the World Bank team.
4. Minimum 8 (eight) years of experience in public/private sector including at least 3 years on managerial positions. Experience in human development sector is a strong advantage;
5. Minimum 4 (four) years of experience in management of projects funded by donor organizations, preferably by the World Bank and/or other International Financial Institutions (IFIs);
6. Strong project management knowledge and skills;
7. Experience in cross-sectoral activities, preferably in HD sectors;
8. Knowledge of the legislation of the Republic of Tajikistan in the relevant legal, institutional, contractual and financial issues and processes;
9. Effective business communication skills, organizational and presentation skills, the ability to work in a team and focus on solving problems;
10. Good knowledge of computer programs MS Word, MS Excel.

**To view the Terms of Reference, please follow the link below:**
***https://docs.google.com/document/d/1TkS33Zc8pv81NZkz-xzvfm-m5RQM5psQU/edit?usp=sharing&ouid=103693260577587624714&rtpof=true&sd=true***

**Applicants must submit the following documents:**

● **Signed and dated cover letter in Russian or Tajik** should be submitting to Project Director Mr. Majidi Y.Kh. in the subject line of the cover letter, indicate the position for which the applicant is applying, and a brief justification of his/her qualifications for this position;

● Signed and dated CV in **English with contact information of two people** who can give recommendations;

● A copy of the diploma and other documents confirming the necessary qualifications;

● A copy of the certificate and recommendations, if any.

The deadline for submitting documents is February 11, 2024

***Documents must be submitted by e-mail to the following address:***

E-mail: jobs.info@ecdp.tj
Phone: (+992 37) 221 06 91
Chief Procurement Specialist **Muso Sayfulloev**
Additional information can be obtained at the above contact.

---

## ЭЪЛОН!

Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Ахтарони Вахш» (РМА 120043118, РЯМ 1210012669), ки 17-уми апрели соли 2019 дар Феҳрасти ягонаи давлатӣ дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифта шуда, ба истеҳсоли либосҳои мактабӣ ва ҳама намуди фаъолияти дигаре, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, машғул мебошад, ба фурӯш гузошта шудааст. Хоҳишмандон барои гирифтани маълумоти зарурӣ бо телефонҳои 205-50-00-12 ва 205-23-23-20 тамос гирифта метавонанд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-ШТУ № 0348026, ки онро МТМУ №22-и ноҳияи Ш. Шоҳин соли 2010 ба Гулнисои Тоҳир додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур 7-уми апрели соли 2020 ба Саидбурҳонов Саидикром Иброҳимович (РМА 046588036) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши манзили истиқоматии таҳти литери 3А 1/сб, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Варзоб 5-уми апрели соли 2022 таҳти феҳрасти 1Ш-67 бо суроғаи ноҳияи Варзоб, Ҷамоати деҳоти Чорбоғ, деҳаи Шодоб, қисми манзили истиқоматии литери 3А 1/сб ба Қодирова Дилафрӯз Қосимовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Россия, деҳаи Лоҳутӣ (ҳоло ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе) (РМА 126244491) ба Баротов Шароф додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чортеппа, деҳаи Арбобхотун ба Ҳусейнова Марфат Олимовна (РМА 045553197) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 2-юми августи соли 2013 таҳти феҳристи 1Ш - 870 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чортеппа, деҳаи Арбобхотун ба Ҳусейнова Марфат Олимовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ДТО № 0263495, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино соли 2018 таҳти рақами бақайдгирии 852 ба Хамидова Тахмина Рустамовна (РМА 037594113) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шоҳмансур 4-уми марти соли 2014 таҳти феҳрасти 1Ш-418 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 64 «В», хонаи 9 ба Абдулоева Азамбӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 64 «В», хонаи 9 ба Абдулоева Азамбӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замин, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Рӯдакӣ соли 2008 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Қуштеппа, деҳаи Дмитров (ҳоло шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Қуштеппа 2) ба Носиров Нурулло (РМА 126649491) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи М. Миршакар, бинои 21 «а», хонаҳои 1-2 ба Боқиев Абдулаҳад Абдуносирович (РМА 037415047) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ДТО №0025374, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ соли 2007 ба Расулова Гулнора Музафаровна (РМА 046741261) додааст, эътибор надорад.

✓ Манзилнома (ордер)-и гумшудаи №3590 барои ҳуқуқи гирифтани манзил, ки онро Комитети иҷроияи Шурои депутатҳои халқи шаҳри Душанбе 16-уми сентябри соли 1993 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ғафуров, бинои 44/1, хонаи 3 ба Ҳакимов Талбон додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ғафуров, бинои 44/1, хонаи 3 ба Ҳакимов Талбон додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшудаи №0404394, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 14-уми августи соли 2019 (РМА 605480035) ба Сироджева Ситора Хуршеджоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ТТ №0025004, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2001 ба Аҳророва Нигора Аброровна (РМА 055138605) додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонотии гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия соли 2018 ба Шодиев Азизҷон Шодиевич (РМА 406067102) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2017 ба Амиршоев Фируз Махмадризоевич (РМА 037384531) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи ҳуқуқ ба моликияти силсилаи ДШ №1140676, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 19-уми марти соли 2020 таҳти феҳрасти 10с-95 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, хиёбони Абуалӣ ибни Сино, бинои 60, хонаи 34 ба Ҷаҳонгиров Толибшо Ҷаҳонгирович (РМА 745038165) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи техникӣ барои ҳавлидорӣ таҳти рақами феҳристии 11038, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ 10 августи соли 1989 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Мирзо Турсунзода, деҳаи Ҷ. Румӣ, хонаи 120 ба Бегалиев Кучар додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи сеюми кӯчаи Улуғбек, хонаи 3 ба Ахмедова Мухайё Касимовна (РМА 0150465945) додааст, эътибор надорад.

✓

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Фараҳноз» (РМА 120036910), ки дар Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Ваҳдат», ки 23-юми январи соли 2009 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 1059 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Саманд 2012» (РМА 045137945), ки дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; хабарнигорон дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69; вилояти Хатлон 919- 67- 88- 78, 985- 82- 81- 97; вилояти Суғд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, 93- 535- 06- 66; ШНТҶ - 000- 03- 03- 80, 918- 68- 40- 17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пасгардонида намешавад.

*Ба чопаш 25 январи соли 2024, соати 15:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34855 нусха*

Навбатдори шумора Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ Т. Курбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97